Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод карда шудааст.**

Дар замони муосири авҷгирии равандҳои рақамикунонӣ, рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ ба воридсозии технологияи муосир, ба мисли зеҳни сунъӣ, абрӣ имкониятҳои навро барои баланд бардоштани сифат ва таъмини амнияти хизматрасониҳо фароҳам меорад.

Аз ин лиҳоз, шиносоӣ бо вазъи муосири рушди соҳа нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз анҷом додани корҳои зиёде дар самти гузариш ба шакли электронии хизматрасониҳои давлатӣ, дараҷаи электроникунонии хизматрасониҳои давлатӣ то ҳол қаноатбахш набуда, мукаммалгардонии механизми онро тақозо менамояд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар шароити муосири рақамикунонии иқтисодиёт тамоми мамлакатҳои мутараққӣ фаъолияти мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатиро дар самти хизматрасониҳои давлатии электронӣ дасгири намуда, танзим ва раванди идоркунии онро хуб ба роҳ мондаанд. Бо дарназардошти ин ба мо низ зарур аст, ки ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электрониро ҳамчун омили татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди рақамӣ ривоҷу равнақ диҳем.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт шумораи зиёди барномаву санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки метавонанд дар ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таъсири мусбӣ расонанд ва аз матни автореферат маълум гардид, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур дар рисолаи илмӣ возеҳу равшан инъикос гардидаанд.

Ҳангоми омӯзиши автореферати Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло маълум гардид, ки дар рисолаи илмӣ асосҳои назариявию метологии хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар асоси таҳқиқотҳои хориҷиву дохилӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, дар ин самт таҳлилҳои иқтисодӣ бо факту рақамҳои оморӣ гузаронида

шудааст. Дар натиҷаи омӯзиши васеи таҳқиқотҳои олимон мубрамияти мавзӯъ муайян гардидааст.

Масалан, муаллиф дар автореферат қайд мекунад, ки хизматрасониҳои давлатӣ амалҳо ва қарорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода шуда, барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона гардидаанд ва дар шакли муқарраршудаи меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд (саҳ. 17).

Воқеан ҳам дар шароити рақамикунонии хизматрасониҳои давлатии электронӣ ва пуршиддат гардидани рақобати дохилию хориҷӣ, мавзуи такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳамун субъекти амаликунандаи ҳадафҳои иқтисоди рақамӣ мубрам ҳисобида мешавад.

Бояд зикр намуд, ки рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар натиҷа имконияти таъмини рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёт ва қаноатмандии мардумро аз ҳама гуна хизматрасониҳои электронӣ, махсусан пешниҳоди аризаҳо, гирифтани маълумотнома, бақайдгирии бизнес, пардохти андоз ва дигар равандҳои маъмурӣ, ки тариқи Интернет дастрас аст, имкон медиҳад. Дар маҷмуъ, бо таваҷҷуҳ ба ҳолати воқеии муносибатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ба тадқиқот фарогири ва дар амал ҷоринамоии мукаммалгардонии механизми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муҳим ва саривақти дониста мешавад. Чуноне, ки худи муаллиф қайд намудааст, ки роҳҳои вусъат бахшидан ба раванди таъсиси ҳукумати электронии пурра фаъолияткунанда ва таъсиси инфрасохтори он, тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба баланд бардоштани дараҷаи ҳузури давлат дар шабакаҳои саросариро пешниҳод гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки рақамикунонии бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ самаранокии идоракунии давлатиро баланд, дараҷаи фарогирии аҳолиро ба хизматрасониҳои давлатии электронӣ васеъ намуда, хароҷотҳои бюрократиро кам ва таъсири ҳукумати электрониро ба дараҷаи рушди иқтисодӣ баланд мегардонад.

Дар автореферати диссертатсия бо таваҷҷуҳ ба талаботҳои мавҷуда муҳимтарин нуктаҳои назар, ки илман асоснок карда шудаанд ва хусусияти илмию амалӣ доранд, пешниҳод гардидаанд. Муаллиф бо дарки баланди мафҳум ва муҳтавои мавзуи такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ унсурҳои тадқиқотро мушаххас пешниҳод карда, ҷиҳати расидан ба натиҷаи иҷроиши онҳо кушишҳо намудааст. Инчунин, имкони ба даст

овардани навгониҳои самарабахши илмию амалиро пайдо кардааст, ки дар автореферат бо тартиби муайян нишон дода шудаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар матни асосии он хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд.

Эроди гирифташуда сифати таҳқиқоти анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмӯъ ба сохтори автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса кардан мумкин аст, ки пурра ба талаботҳо мувофиқат мекунад ва созовори дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон — Ризозода Т.Р.

Имзои Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ — Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
17 Микрорайон, Хонаи 1. Тел.: 927777735. E-mail: t_rizokulov@mail.ru

«29» 06 соли 2026